# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич ба диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи “Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051701 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Маҳмадалиев Насриддин Каримович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли таваллудаш 1992, маълумоташ олӣ, оиладор соҳиби се фарзанд мебошад. Соли 2010 ба шуъбаи рӯзонаи факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, соли 2014 онро аз рӯйи ихтисоси менеҷмент хатм намудааст. Инчунин соли 2014 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи Техникии Баҳри Сиёҳи Ҷумҳурии Туркия дохил шуда, соли 2017 онро аз рӯйи ихтисоси маркетинг хатм намудааст.

Маҳмадалиев Н.К. солҳои 2017-2021 ба ҳайси докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-и кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба шумор мерафт ва аз ҳамон вақт ҳамкории илмии ман бо ӯ оғоз шуда буд, ки то ҳол идома дорад. Аз соли 2017 то 2020 ба ҳайси сардори маркази рушди касбият ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намудааст. Солҳои 2020 то 2022 ба ҳайси сардори маркази забономӯзӣ ва курсҳои тайёрии ҳамин донишгоҳ фаъолият намуда, аз моҳи сентябри соли 2019 инҷониб дар вазифаи ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, фаъолияти илмию омӯзгорӣ менамояд.

Мавзуи илмии Маҳмадалиев Н.К. дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки аҳамияти мавзӯи интихобшудаи таҳқиқоти илмӣ бо он асоснок карда шудааст, ки раванди ташкили фаъолияти навоварона як доираи хоси идоракунии марҳиллаҳои марбут ба эҷоди идея, коркард, истеҳсоли озмоишӣ, истеҳсоли оммавӣ, тарғиб ва фурӯши маҳсулоти навро дар назар мегирад. Ворид шудани халал дар яке аз ин мароҳил метавонад самараи ниҳоии фаъолияти навоваронаро зери суол барад. Дар ин миён марҳиллаи тарғиб ва фурӯши маҳсулоти нав, ки дар адабиёти иқтисодӣ чун марҳиллаи тиҷоратикунонии навоварӣ шинохта шудааст, аз аҳамияти хос бархурдор мебошад, зеро натиҷаи ниҳоии фаъолияти навоварона маҳз дар хамин марҳилла ташаккул меёбад ва заминаро барои идомаи самараноки фаъолияти навовҷорисозӣ фароҳам

месозад. Бо камоли таассуф бояд қайд кард, ки ин марҳиллаи муҳими фаъолияти навҷорисозӣ дар ҷумҳурии мо чӣ аз нигоҳи назариявию методологӣ ва чӣ аз нигоҳи амаливу корбурдӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст ва ба роҳ мондани тадқиқотҳои густардаро дар ин самт тақозо менамояд. Масъалаҳои номбаргардида аҳамияти мавзуи интихобнамудаи Маҳмадалиев Насриддин Каримовичро собит месозад.

Дар ҷараёни навиштани диссертатсия Маҳмадалиев Н. К. қобилияти баланди илмӣ, таҳлилӣ ва ҷамъбаст намудани хулосаҳои илмиро зоҳир намуд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот, ӯ дараҷаи баланди мустақилона ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиён, асосноккуниҳои ҷанбаҳои назариявию методиро нишон дод. Ҳангоми навиштани диссертатсия ва таҳия намудани мақолаҳо барои чоп Маҳмадалиев Н. К. масъулияти баландро нишон дод, ки ин ба ӯ имконият дод, 16 мақолаҳои илмӣ аз чоп расонад, ки аз ин шумора 6 тояш дар нашрияҳои тақризшаванда чоп шудаанд. Ӯ дар ин муддат тавонист, ки ҳаҷми зиёди адабиёти марбут ба мавзуи худро ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбандӣ намояд ва дар асоси он тавсияҳои илмии худро ҷиҳати асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ коркард ва пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои муҳимми назариявию методологии дар диссертатсия мавҷудбуда, таклифу хулосаҳо, равишҳои асосие, ки дар рафти таҳияи он омодашуда ва то таклифи амалии ба ниҳодҳои дахлдори давлати расонидашуда, метавонад дар ташаккули муҳити тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ саҳми худро гузорад.

Диссертатсияи Маҳмадалиев Н. К. кори илмии мустакилона ва пурра анчомёфта мебошад, натичахои ба даст овардашуда ба асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ мусоидат менамоянд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастоварашудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии ташаккули муҳити тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ тараққӣ медиҳанд.

Дастовардҳои илмии унвонҷӯй, ки ахамияти назарияви ва амалӣ доранд дар он хулоса мешавад, ки дар рисола заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида омилҳои боздорандаи он дастабандӣ гардидаанд, ки дар байни онҳо омилҳои институтсионалӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маркетингӣ ва технологӣ мавқеи муҳим доранд. Бо

таваҷҷӯҳ ба ин зиддияти омилҳои барасишаванда дар заминаи таҳлили “сабаб-натиҷа” ошкор гардонида шуда стратегияи умумии такмили механизми тиҷоратикунонии навовариҳо бо таваҷҷӯҳ ба натоиҷи SWOT-таҳлил коркарда баромада шудааст. Аз ҷониби муаллиф самаранокии дастгирии давлатии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи танқидӣ баҳогузорӣ карда шудааст, ки имокон дод сатҳи нокифояи ҳавасмандиҳои андозӣ, гумрукӣ ва буҷавии фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳоро ошкор карда шуда ҷиҳати рафъи мушкилоти мавҷуда чораҳои муассир пешниҳод гардад.

Ҳамчунонин дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод гардидаанд, ки алоқаманди ва таносуби ҳаҷм ва шаклҳои дастгирии давлатиро бо потенсиали инкишофи фаъолияти навоваронаи корхонаҳои истеҳсолӣ муайян менамояд. Дар заминаи он принсипҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ пешниҳод гардидаанд.

Ба андешаи мо, Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар ҷараёни таҳқиқи масоили такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо ба ҳадафи гузоштаи худ - асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷихати таъмини тиҷоратикунонии навовариҳо дар рушди иқтисоди миллӣ мебошад, ноил гардидааст.

Сохтор, мuҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсия ба банди талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз руйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад.

25 декабри соли 2024

Роҳбари илмӣ:
н.и.и., дотсенти
кафедраи менеҷмент
ва маркетинги ДМТ

Ҳодиев Д.А.

Телефон барои тамос: 935017051, mfahim@mail.ru

Имзои / Подпись: Ҳодиев Д. А.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавкиев Э. Ш.

Сурога:
734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рудаки 17.
Тел.: + 992 935017051;
E-mail: mfahim@mai.ru